**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ҚАРОРИ**
**РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

аз «31» декабри соли 2020, № 692

Дар бораи додани иҷозат ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «АБР-Текстил» барои лоиҳакашии биноои истиқоматии 21 (бисту як) ошёна, бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаҳои аввал, таваккуфгоҳи наклиёти автомобилӣ дар таҳхонаи он ва сохтмони бинои боғчаи кӯдакон барои 250 ҷой, дар заминаи иншооти мавҷудаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фононбонк», воқеъ дар кӯчаи М. Турсунзода №17, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе

Бо мақсади татбиқи Нақшаи генералии шаҳри Душанбе муроҷиати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «АБР-Текстил»-ро аз 4 декабри соли 2020, №44-2352 оид ба додани иҷозат барои лоиҳакашии биноои истиқоматии 21 (бисту як) ошёна, бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаҳои аввал, таваккуфгоҳи наклиёти автомобилӣ дар таҳхонаи он ва сохтмони бинои боғчаи кӯдакон барои 250 ҷой, дар заминаи иншооти мавҷудаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фононбонк», воқеъ дар кӯчаи М. Турсунзода №17, ноҳияи Исмоили Сомонӣ баррасӣ намуда, бо инобати созишномаи хариду фурӯш аз 12 ноябри соли 2020, уҳдадориҳои Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «АБР-Текстил» ДШ№ 1193857 ва ДШ№ 1153858 аз 8 декабри соли 2020, ки дар идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, дар феҳрасти тахти №10Д-2787 ва №10Д-2788 сабт гардидааст, мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаи 82⁶ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», моддаи 27 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 14 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Раиси

...меъёрҳои пардохт барои додани иҷозати сохтмони бино ва иншоот дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе»

ҚАРОР МЕКУНАМ:

1. Ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «АБР-Текстил» барои лоиҳакашии биноои истиқоматии 21 (бисту як) ошёна, бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаҳои аввал, таваккуфгоҳи наклиёти автомобилӣ дар таҳхонаи он, дар китъаи замини масоҳаташ 2270,0 (ду ҳазору дусаду ҳафтод) метри мураббаъ ва сохтмони бинои боғчаи кӯдакон барои 250 ҷой, дар китъаи замини масоҳаташ 2000,0 (ду ҳазор) дар заминаи иншооти мавҷудаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фононбонк», воқеъ дар кӯчаи М. Турсунзода №17, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, бо дақиқ намудани масоҳати зери сохтмон иҷозат дода шавад.

2. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «АБР-Текстил» ба корҳои лоиҳавии биноои истиқоматӣ ва корҳои сохтмонии боғчаи кӯдакон танҳо баъди иҷрои бандҳои созишномаи хариду фурӯш аз 12 ноябри соли 2020, тибқи талаботи супориши меъморӣ-банақшагирӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ шурӯъ намуда, пас аз мувофиқасозӣ ва дастрас намудани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва хулосаи экспертизаи давлатӣ, ҳуҷҷатҳоро бо маълумотномаи масоҳати умумии бино (тибқи Тартиб ва меъёри тасдиқшудаи пардохт) ба Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе пешниҳод намояд.

3. Уҳдадории Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «АБР-Текстил» аз 8 декабри соли 2020, ДШ№ 1193857 дар хусуси сохта ба истифода боғчаи кӯдакон барои 250 ҷой, воқеъ дар кӯчаи М. Турсунзода №17, ноҳияи Исмоили Сомонӣ ва ба тавозуни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе тариқи ройгон супоридан, ки дар идораи давлатии нотариалии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе дар феҳрист тахти рақами №10Д-2787 сабт гардидааст, ба инобат гирифта шавад.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе Қурбонзода А.Ф. гузошта шавад.

Сарраёсати ... шаҳри Душанбе
Воридот № 627
«8» 01 2021

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ, МУРОҶИАТ ВА ҚАБУЛИ ШАҲРВАНДОН

Рустами Эмомалӣ